## 1. Ворид шудан ба Россия

Барои ворид шудан ба Россия шаҳрванди хориҷӣ бояд шиносномаи хориҷии амалкунанда дошта бошад. Шаҳрвандони Иттиҳоди иқтисодии Авросиё (Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон), инчунин Украина ҳуқуқ доранд бо шиносномаҳои дохилӣ аз сарҳади ФР гузаранд.

Ҳангоми ворид шудан ба ФР ба шаҳрвандони хориҷӣ БЕПУЛ КОРТИ МУҲОҶИРАТ – ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мақсади сафар ва қонунӣ гузаштан аз сарҳад дода мешавад. Шумо бояд корти муҳоҷиратро пур карда, онро ба кормандони назорати сарҳад пешниҳод намоед. Онро бо ҳарфҳои лотинӣ, мувофиқи қайдҳои шахсии дар шиносномаатон буда пур кардан мумкин аст.

**(!) Агар Шумо ба Россия бо мақсади "кор" омада бошед, дар сархати "мақсади сафар" ба зери калимаи "кор" хат кашед.**

## 2. Ба қайди муҳоҷират гузоштан

Шаҳрванди хориҷӣ бояд **дар муҳлати 7 рӯзи корӣ** худро дар **қайди муҳоҷират (регистратсия)** гузорад. Барои шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авросиё (Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон) – на дертар аз **30 рӯз**; барои шаҳрвандони Тоҷикистон **– 15 рӯз**.

**(!) Дар ҷое аз қайди муҳоҷират гузаштан даркор аст, ки воқеан он ҷо кору зиндагӣ мекунед.**

Ба қайди муҳоҷират гузоштани шаҳрванди хориҷиро **Ҷониби қабулкунандае** анҷом медиҳад, ки ба Шумо манзили истиқоматӣ медиҳад:

• шаҳрванди ФР, ки дар Санкт-Петербург сабти зисти доимӣ дошта бошад;

• шаҳрванди хориҷие, ки дар ҳудуди ФР ва Санкт-Петербург доимӣ зиндагӣ кунад;

• шахси ҳуқуқӣ: муассиса-кордиҳанда, меҳмонхона.

**Барои ба қайди муҳоҷират гузоштан ба ин ҷойҳо муроҷиат кардан мумкин аст:**

• идораҳои минтақавии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград);

• дар марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (МФЦ) - МБҶ;

**Барои Шумо ин ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо зарур мебошанд:**

• шиноснома, нусхаи ҳамаи саҳифаҳои он;

• корти муҳоҷират;

• полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;

• нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро тасдиқ мекунад (масалан, шартномаи иҷораи манзили истиқоматӣ).

**Барои ба қайди муҳоҷират гузоштан ин корҳо зарур мебошанд:**

• Варақаи махсус-огоҳномаро дар бораи омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷойи зист пур кардан;

• варақа-огоҳнома ва нусхаи ҳуҷҷатҳоро ба Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) фиристонидан;

• ҷои буридашавандаи варақа-огоҳномаро дар бораи омадан ва қайди қабул шудани ҳуҷҷатҳо гирифтан ва бо худ нигоҳ доштан.

**(!) Баъди ба кор сар кардан қайди муҳоҷиратро мутобиқи муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ ё патенти маблағаш пардохтшуда бояд мунтазам дароз кард.**

## 3. Ба кор даромадан ва гирифтани патенти кор дар ФР

Ба шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳодияи иқтисодии Авросиё (Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон. Ҷумҳурии Қирғизистон) барои ба кор машғул шудан бастани шартномаи меҳнатӣ ё шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ кофӣ аст.

Шаҳрвандони давлатҳои ИДМ (Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Украина) барои машғул шудан ба кори қонунӣ дар Санкт-Петербург бояд патенти кор гиранд.

Барои гирифтани патент ҳуҷҷатҳоро дар муддати **30 рӯзи баъди даромадан ба ФР** супурдан лозим аст, вагарна ба маблағи аз 10000 то 15000 рубл ҷарима мешавед.

Дар Санкт-Петербург ягона ташкилоте, ки ҳуҷҷатҳоро барои додани патент қабул мекунад, ин мебошад: **ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России»** (КВДФ Ҳадамоти шиноснома-раводиди ВКД Россия): ул. Красного Текстильщика, д.15, лит.А.), тел. 8 (812) 318-01-22, 318-01-18. Рӯзҳаи кор: душанбе-ҷумъа аз 9:00 то 18:00.

Хизматрасонии ширкат пулакӣ аст.

**Патент танҳо аз тарафи отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати РМ РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) дода мешавад ва фақат дар як минтақаи РФ амал мекунад.** Патенти кор дар шаҳри Санкт-Петербург дар ҳудуди вилояти Ленинград амал намекунад.

Ҳуҷҷатҳоро **танҳо ШАХСАН** супурдан мумкин аст. Патент дар муҳлати 10 рӯзи кории баъди супурдани ариза ба расмият даровarda мешавад.

**Барои гирифтани патент чунин ҳуҷҷатҳо даркор мебошанд:**

- ариза дар бораи гирифтани патент (варақаи ариза ва намунаи пур кардани онро аз шуъбаҳои Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия ё аз сайти зерин гирифтан мумкин аст: www.78.мвд.рф/ms);

• шиноснома ва нусхаи шиноснома, инчунин тарҷумаи ба тарзи нотариалӣ тасдиқшудаи шиноснома ба забони русӣ;

• акси 3х4 ранга дар когази беҷило;

• маълумотномаи бақайдгирии муҳоҷират ва нусхаи он;

• корти муҳоҷират бо ишораи мақсади "кор" бо муҳри воридшавӣ ва нусхаи он;

• хулосаи тиббӣ ва сертификат дар бораи надоштани сирояти ВИЧ – дар муассисаи махсуси тиббӣ баъди гузаштан аз ташхиси тиббӣ дода мешавад;

• полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС-СИТ);

• ҳуҷҷат дар бораи донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия: асли ҳуҷҷат дар бораи хатми муассисаи таҳсилот дар ҳудуди СССР то 01.09.1991 ё дар ҳудуди Россия баъди 01.09.1991, ё сертификат дар бораи супурдани санҷиши забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории ФР.

• расид (квитансия) дар бораи пешпардохти маблағи андози патент. **Маблағи пардохти патент соли 2019 дар Санкт-Петербург 3800 рубл дар як моҳ аст.**

**(!) Фақат бо ихтисосе, ки дар патент нишон дода шудааст, кор кардан мумкин аст.**

Барои кор кардан бо ихтисоси дигар мумкин аз 4000 то 7000 рубл ҷарима баста шавед.

Дар бораи тайёр шудан ва ҳаққонӣ будани патенти кор Шумо метавонед аз сайти расмии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) маълумот гиред: www.78.мвд.рф/ms.

**Баъди гирифтани патенти кор:**

• дар сурати пардохти НДФЛ ба андозаи 3800 рубл барои ҳар моҳ муҳлати патент ба таври автоматӣ ба муҳлати пардохтшуда дароз мегардад. Ҳисоби моҳ аз рӯзи гирифтани патенти кор сар мешавад. Маблағ на дертар аз 1 рӯзи то ба охир расидани муҳлати пардохти моҳи кори пардохтшуда гузаронида мешавад. Ҳатман чекҳои тасдиқкунандаи пардохтро бо худ нигоҳ доред!

Пардохти маблағи патенти корро ба муҳлати то 12 моҳ аз рӯзи гирифтани патент гузаронидан мумкин аст.

**• дар муҳлати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России (Раёсати муҳоҷирати РШ ВКД Россия) нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо кордиҳанда – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродиро фиристонед.**

**(!) Дароз кардани муҳлати бақайдгирии муҳоҷиратро дар асос ва дар давраи пардохти патенти кор фаромӯш накунед!**

Шумо метавонед патенти корро барои соли оянда аз ҳудуди ФР берун нашуда аз нав ба қайд гиред. Барои ин ба ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России» (КВД "Ҳадамоти шиносномаю раводиди ВКД Россия"- к. Красного Текстильщика, х.15 лит.А) на дертар аз 10 рӯзи кории то ба охир расидани муҳлати патент бо чунин ҳуҷҷатҳо муроҷиат кунед: шиносномаи хориҷии боз на камтар аз 1 сол амалкунанда, патенти амалкунанда, расид (квитансия)-и пардохти маблағи пардохт барои 12 моҳ, корти муҳоҷират, шартномаи меҳнатӣ бо ризоятнома (ходатайство)-и кордиҳанда. Патенти корро на зиёда аз 1 маротиба ва ба муҳлати на бештар аз 1 моҳ дароз кардан мумкин аст.

## 4. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории муҳоҷират

Агар Шумо дар ҳудуди Санкт-Петербург бошед ва:

- маълумотнома оид ба қайд дар ҳисоби муҳоҷират (регистратсия)-ро расмӣ накарда бошед;
- ҳангоми боздошт аз ҷониби политсия ҳуҷҷатҳои заруриро надошта бошед;
- агар дар корти муҳоҷират мақсади сафарро дурӯғ нишон дода бошед;
- агар ба кор бе доштани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ё бо ихтисоси дар патент мавҷуд набуда машғул бошед;
- ҳангоми ба қайди ҳисоби муҳоҷират гузоштан маълумоти дурӯғ дода бошед,

**Шуморо ба маблағи 5000-7000 рубл ҷарима мебанданд ва эҳтимол аз ФР меронанд** (мувофиқи дастурамали моддаҳои 18.8 қ.3, моддаи 18.10 қ.2, моддаи 19.27 қ.3 КоАП РФ) – (Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ФР).

**(!) Ба миёнаравҳо муроҷиат накунед – ҳуҷҷатҳои тайёркардаи онҳо қалбакӣ буда метавонанд! Истифодабарӣ ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҷавобгарии ҷиноӣ дорад.**

## Робитаҳои муфид

**Хадамоти умумироссиягии иттилоотӣ:**

**гувм.мвд.рф** – Сарраёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД Россия.

**trudvsem.ru** – Кор дар Россия: махзани умумироссиягии вакансия (ҷойҳои кор)-и Хадамоти федеролии кор ва шуғл.

**онлайнинспекция.рф** – Пойгоҳи хадамоти федералӣ оид ба меҳнат ва шуғл дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ.

**migrussia.ru** – Муҳоҷират ва муҳоҷирон: пойгоҳи иттилоотӣ - машваратҳо оид ба мутобиқатшавӣ ва дастгирии ҳуқуқӣ дар Санкт-Петербург ва дигар минтақаҳои Россия.

**Хизматрасониҳои иттилоотии Санкт-Петербург:**

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru** – Хуш омадед ба Санкт-Петербург: махзани интернетии Ҳукумати Санкт-Петербург барои муҳоҷирон.

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru/ugolki-migranta/** - Рӯйхати шабакаҳои китобхонаҳои Санкт-Петербург, ки бо нуқтаҳои иттилоотии «Гӯшаи муҳоҷир» таҷҳизонида шудаанд.

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Санкт-Петербург:**

**Комитет оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва татбиқи сиёсати муҳоҷират дар Санкт-Петербург**

Адрес: Санкт-Петербург, Московский пр., 10-12.
Почтовый адрес: 191060, Смольный.
info@kmormp.gov.spb.ru.
Тел. 8 (812) 576-28-08, гурӯҳ дар Вконтакте: vk.com/kmormp

**Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград**

Сайт: 78.mvd.ru/ms
191028, г. Санкт-Петербург, ул. Кирочная, д.4 литер А.
Тел. 8 (812) 573-37-22, 8 (812) 573-30-02.

Шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ
ул. Красного Текстильщика, 15, тел. 8 (812) 318-06-26.

Шуъбаи ташкили назорати муҳоҷират (назорати риояи қонқнгузории муҳоҷират):
Набережная р. Фонтанки, д.78, тел. 8 (812) 314-61-91.

**Марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ – МБҶ**
Хадамоти ягонаи маълумотдиҳии МБҶ: 8 (812) 573-90-00
Рӯйхати МБҶ-и Санкт-Петербург: https://gu.spb.ru/mfc/

**Комитети сиёсати иҷтимоии Санкт-Петербург** – расонидани ёрии иҷтимоӣ
190000, переулок Антоненко, д.6, тел. 8 (812) 576-24-61, сайт: ksp@gov.spb.ru

**Ҷустуҷӯи кор дар Санкт-Петербург ва мусоидат ба кортаъминкунии шаҳрвандони хориҷӣ**

**Маркази захираҳои меҳнатӣ.** Тел. 8 (812) 758-36-34, сайт: gauctr.ru
Хатти доғи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ: 8-800-333-70-97

**Маркази шуғли аҳолӣ**. Тел. 8 (812) 571-00-41, сайт: r21.spb.ru

**Дастгирии ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ:**

**Нозироти давлатии меҳнати Санкт-Петербург – дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқи меҳнат**
198095, г. Санкт-Петербург, ул. Зои Космодемьянской, д.28-а.
Тел. 8 (812) 746-59-86, 8 (812) 374-31-97, сайт: git78.rostrud.ru

**Прокуратураи Санкт-Петербург** – ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷӣ, бозрасии қарорҳо ва амалҳои ғайриқонунии мақомоти расмӣ
190000, Санкт-Петербург, улица Почтамтская, д.2/9. Тел. 8 (812) 318-26-34, сайт: procspb.ru/reception – барои муроҷиатҳои интернетӣ

**Ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Санкт-Петербург** – назорати риояи ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ
Щербаков пер., д.1/3, тел. 8 (812) 764-00-54
ombudsmanspb.ru/ru/request – барои муроҷиатҳои интернетӣ

**Ташкилотҳои ҷамъиятии Санкт-Петербург**

**машваратҳои бепул оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ.**

**Ёрии бепули ҳуқуқӣ ба муҳоҷирон**
Телефонҳо барои муроҷиат: +7 (812) 337-57-85, +7 (921) 598-17-90.
Сайт: psp-f.org, migrussia.ru.

**Маркази иттилоотию машваратии Салиби Сурх** - машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориљӣ ва шахсони бешаҳрванд
кӯчаи Красного Текстильщика, х. 15 (равзанаи қабул).
Тел хати доғ.: 8 (800) 333-00-16, сайт: spbredcross.org.

**Фонди дастгирии муҳоҷирати ихтиёрии ҳамватанон) «Ориентир»**
Санкт-Петербург, ул. Римского-Корсакого, 39 (во дворе)
Тел. 8 (911) 253-85-01, 8 (812) 385-69-89, сайт: fondorientir.ru

**Бачаҳои Петербург** – ёрӣ ба бачаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои омӯзиши забони русӣ, ҷалб кардани онҳо ба мактаб
Тел. 8 911 773-77-87, сайт: detipeterburga.ru

Буклет «Добро пожаловать в Санкт-Петербург! Полезная информация для трудовых мигрантов» (на таджикском языке)

Бо фармоиши Комитети муносибатҳои байнимиллӣ ва татбиқи сиёсати муҳоҷират дар Санкт-Петербург омода карда шудааст
2019 год

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

# Хуш омадед ба Санкт-Петербург!



## Маълумоти муфид барои муҳоҷирони меҳнатӣ 2019